ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба рисолаи илмӣ-тадқиқотии унвонҷӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Қаландаров Илҳомҷон Эмомназарович дар мавзӯи «Хусусиятҳои истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6 Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

Қаландаров Илҳомҷон Эмомназарович соли 2008 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси омор хатм намудааст.

Аз соли 2006 то 2008 дар ҳайси омузгори фанни математика дар МТМУ № 36 н. Шоҳмансури ш. Душанбе фаъолияти худро оғоз намудааст. Аз соли 2008 то соли 2014 дар ҳайси ассистент, омӯзгори калони кафедраи иқтисодиёт ва идора ва аз соли 2015 то соли 2025 ҷонишини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Қаландаров И.Э. аз соли 2019 то 2024 унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад.

Ҳангоми иҷрои пажӯҳиши илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд нишон дод.

Қаландаров И.Э. дар таҳия намудани мақолаҳо барои чоп масъулияти баландро нишон дод, ки ин ба ӯ имконият дод 21 мақолаи илмӣ аз чоп барорад, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Аз соли 2025 то ба ҳол дар вазифаи омӯзгори калони кафедраи иқтисодиёт ва идора факултети иқтисодиёт ва молияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолияти омӯзгориро давом дода истодааст.

Дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ Қаландаров И.Э. дар бахши фаъолияти илмӣ низ масъулият дошта, фаъолона дар як қатор конференсияҳои илмӣ-ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмию амалии ҳарсолаи профессорон, омӯзгорон, кормандони илмии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Ҳангоми кор бо рисолаи илмӣ-тадқиқоти унвонҷӯ худро ҳамчун муҳақиқи фаъолу дорои малакаи таҳқиқотчии мустақил, ҷаҳонбинии илмидошта ва масъулиятшинос нишон дода тавонист, ки ин ба ӯ имконият дод, маводҳои зиёди илмию омориро ҳаматарафа таҳлил ва шарҳ диҳад, истифода бурдани усулҳои зарурии илмии тадқиқотиро мустақилона муайян ва асоснок намояд.

Заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро асарҳои олимони классик, корҳои илмии олимон-иқтисодчиёни муосири ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, нашриётҳо дар матбуоти даврӣ, маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, санадҳои амалкунандаи қонунгузорӣ ва маъмурию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба соҳаи сармоя ва фаъолияти сармоягузорӣ алоқаманданд, танзим менамоянд, ташкил медиҳанд.

Боиси қайд аст, ки диссертатсияи Қаландаров И.Э. сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, дар сатҳи баланд, бо забони равону фасеҳ навишта шуда, пешниҳод ва таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидааст. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро мушоҳидаҳо, саҳеҳии маълумотҳо, миқдори кофии маводҳои таҳлиливу таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мекунанд.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсия аз коркарди пешниҳодҳои мушаххас, илман асоснокшуда ва тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии ташкил ва истифодабарии ҷараёни сармоягузориҳо ба соҳаи таҳсилоти олии касбӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таҳсилоти олии касбӣ иборат аст. Дастовардҳои илмии нисбатан муҳимме, ки муаллиф дар натиҷаи таҳқиқотҳои худ ноил гардидааст ва барои ҳимоя пешниҳод менамояд, аз нуктаҳои зерин иборатанд:

- дар асоси омӯзиши адабиёти гуногуни хориҷӣ ва ватанӣ ҷанбаҳои назариявии масъалаи сармоя ва сармоягузорӣ таҳқиқ ва таснифи сармоягузорӣ аз рӯи нишонаҳои гуногун аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардида, нақш ва аҳамияти сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа ва мамлакат муайян карда шуда, чунин таърифи мафҳуми «сармоягузорӣ» аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст: сармоягузорӣ - ин раванди ҷалби маҷмуи дороиҳо дар ҳудуди кишвар ё берун аз он, барои афзоиши истеҳсолот, навсозии технологӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ба ин васила таъмини амнияти озуқаворӣ бо мақсади гирифтани фоида ё таъсири мусбии иҷтимоӣ, экологӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ мебошад;

- фазои сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон баҳогузорӣ карда шуда, сабабҳои асосие, ки ба муҳити сармоягузорӣ таъсири амиқ мерасонад мушаххас ва аз ҷиҳати илман асоснок карда шудааст аз ҷумла: омилҳои экологӣ-истеҳсолӣ; иқтисодӣ-молиявӣ; техникӣ-технологӣ;

ташкилӣ-ҳуқуқӣ; системаи андоз-бонкӣ; сатҳи рушди инфрасохтори соҳаи кишоварзӣ; ҳолати фондҳои асосӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ ва ғайра;

- ҳолати муосир ва динамикаи рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон таҳлил карда шуда, мушкилотҳои дар ин самт ҷойдошта муайян ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шудааст. Роҳҳои ба рақобат тобоварии хоҷагиҳои пахтакории вилояти Хатлон баҳодиҳӣ гардида, омилҳои ба рақобатпазирии онҳо таъсиррасон мушаххас ва аз нуктаи назари илмӣ карда шудаанд;

-шароити муосири ҷараёни сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон арзёби карда шуда, модели татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ дар соҳаи пахтакорӣ коркард шудааст, ки он имконият медиҳад равиши оптималии баҳодиҳии самаранокии сармоягузорӣ бо назардошти бахши мониторинг таъмин карда шавад;

- самтҳои асосии баркарорсозии иқтисодиёти зараровар дар хоҷагиҳои пахтакорӣ вилояти Хатлон муайян карда шуда, самтҳои мувофиқсозии равандҳои сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакорӣ мазкур пешниҳод ва илман асоснок карда шуда, консепсияи алоқамандии корхонаҳои саноати сабук, ки ба коркарди маҳсулоти пахтагӣ машғул мебошанд, таҳия гардидааст. Модели самаранокии таъминоти моддию техникии хоҷагиҳои пархтакории вилояти Хатлон таҳия гардидааст, ки имкон медиҳад рушди мунтазами хоҷагиҳои мазкур таъмин карда шавад;

- самтҳои такмили раванди идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон муайян ва илман асоснок карда шуда, усули давра ба давра баҳодиҳии татбиқи сармоягузорӣ бо иштироки давлат ва бахши хусусӣ, бо назардошти нишондиҳандаҳои самаранокӣ, навоварӣ ва хавф пешниҳод гардидааст, ки татбиқи амалии он метавонад дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳои пахтакорӣ таъсири мусбат расонад.

Дар маҷмӯъ рисолаи илмии Қаландаров И.Э. бо дар назардошти тамоми дастовардҳо, аҳамияти баланди илмӣ ва назариявию амалиро доро буда, кори илмӣ-тадқиқотии баитмомрасида ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти хусусияти актуалӣ будани мавзӯи рисолаи илмии Қаландаров И.Э., сатҳу сифати тадқиқотҳои илмӣ-назариявӣ ва навгониҳои илмии тадқиқотии рисола пурра ба банди 18-и Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, банди 166-и Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ, банди 70-и “Тартиби

дадани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)" аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ омода гардидааст.

Дар маҷмӯъ рисолаи илмии Қаландаров Илҳомҷон Эмомназарович дар мавзӯи "Хусусиятҳои истифодаи самараноки сармоягузорӣ дар рушди хоҷагиҳои пахтакори вилояти Хатлон" барои дарёфти дараҷаи илмии **номзади илмҳои иқтисодӣ** аз рӯйи ихтисоси 5.2.6 Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, арзиши баланди илмӣ дорад ва бо шиносномаи 5.2.6 Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат карда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодиёт мебошад.

Роҳбари илмӣ, н.и.и., и.в. профессор,
академики Академияи муҳандисии ҶТ,
мушовири ректори
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Тошматов М.Н.**

Имзои Тошматов М.Н.-ро тасдиқ
менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо,
коргузорӣ ва назоратии ДТТ **Абдуназаров А.Ҷ.**

Суроғаи Донишгоҳ: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734061, ш. Душанбе, кӯч. Н. Қарабоев 63/3,
Сомонаи интернетии Донишгоҳ: http://tut.tj/
Телефон: (+992 37) 234-79-88;
E-mail: rektorat-favri-tut@mail.ru